## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-076 назди Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ оид ба диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ**

**Мубраммияти мавзуи таҳқиқот.** Муҳимияти мавзуъи таҳқиқотӣ дар он аст, ки айни замон низоми идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири равандҳои муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба тағйиротҳои куллии нав рӯ ба рӯ шуда истодааст. Тавсеаи шуғли пурмаҳсул ва равандҳои рақамикунонӣ мутаносибан шаклу усулҳои нави идора ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатро талаб менамоянд, ки онҳо таваҷҷуҳи ҳамаи субъектҳои ҳуқуқии ин низомро ба масъалаҳои идоракунӣ ва ташкили меҳнат дар шароити нав ва дар ҳама сатҳҳои танзими ҳуқуқии он талаб дорад. Бо назардошти ин омилҳо тақвияти ҳамкориҳо барои таъмини идоракунии самараноки меҳнат дар шароити муосир яке аз ҳадафҳои асосии шарикони иҷтимоӣ: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони кормандон ва намояндагони корфармоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 «сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ, маҳсулнокӣ, тиҷорат ва ҳамгироӣ, инчунин ниҳодҳо ва идоракунӣ манбаъҳои асосии густариши шуғли пурмаҳсул ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ» муайян шудаанд.

Муҳиммияти мавзуъи таҳқиқотӣ аз ҳадафҳои соҳаи меҳнат бармеояд. Фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат, таъмини кори арзанда ва ҳамзамон маҳсулнокии он вазифаи асосии ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб шуда, бояд меъёрҳое эҷод карда шаванд, ки аз як тараф, ба воқеъияти муосири рушди иҷтимою иқтисодии кишвар мутобиқ буда, гузариш ба бозори нави меҳнат ва усулҳои идоракунии меҳнатро таъмин намоянд, аз ҷониби дигар, сатҳи зарурии ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқамандро кафолат дода тавонанд.

Барои татбиқи вазифаҳои стратегии ба миёнгузошташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҳлили пурра ва мунтазами илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, бо мақсади муайян намудани

унсурҳо ва раванди муносибатҳои ҳуқуқии ин самт, хусусиятҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои такмили он гузаронида шавад.

Мубраммияти мавзуи таҳқиқотиро камтаҳқиқ будани мавзуъ ва коркард нашудани он дар самти таҳқиқотҳои илмӣ, инчунин мавҷуд набудани боби алоҳида дар Кодекси меҳнати Тоҷикистон, ки масоили вобаста ба танзими муносибатҳои идоракунии меҳнатро ташкил медиҳанд, ба миён овардааст. Дарёфти роҳҳои ҳали маҳз масоили идоракунии меҳнат метавонад калиде барои ташаккули соҳа ва самаранок гардидани меҳнат дар кишвар гардад. Аз ин рӯ мавзуи пешниҳодшуда бешубҳа мавзуи мубрами илмӣ буда, анҷом додани чунин таҳқиқот самараи бузурги иқтисодӣ, илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дар диссертатсия равишҳои илмӣ** нисбат ба муайян намудани моҳияти идоракунии меҳнат ва хусусиятҳои он асоснок гардида, дар заминаи таҳлили анҷомдода, муаллиф шарҳи муаллифонаи мафҳуми "идоракунии меҳнат" –ро пешниҳод намудааст. Дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмии мавҷуда ва меъёрҳои қонунгузории меҳнат, доир ба мазмуни мафҳумҳо ва истилоҳҳои ҳуқуқии ин соҳа фаҳмишҳои нав пешниҳод мегарданд, ки дастгоҳи мафҳумии институти идоракунии меҳнатро такмил ва пурра менамоянд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи меҳнат дар робита ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намоянд, инчунин истифодаи онҳо ҳангоми омодасозии барномаҳои таълимӣ аз руи фаннҳои: ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба манфиат хоҳад буд.

**Муаллиф ба ҳадафи** гузошташуда ноил гардида, ҳамаи вазифаҳои муайяншударо ҳал намудааст, объект ва предмети таҳқиқот - маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, ки масъалаҳои идоракунии меҳнатро танзим менамоянд, инчунин доктринаи илмии ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба ин масъала - дақиқ муайян шудаанд. Усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот муайян гардидаанд: таърихию ҳуқуқӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавию ҳуқуқӣ, инчунин усулҳои эмпирикӣ ва функсионалӣ, таҳлил, синтез ва ғайра. Аз натиҷаҳои умумии омӯзиши мавзуъи мазкур консепсияи илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудааст.

**Диссертатсия** дар асоси таҳлили ҳаҷми назарраси санадҳои байналмилалию ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводи муқоисавию ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ омода гардидааст. Аз ҷониби

муаллиф муқоисаи низомнок ва арзёбии равишҳо анҷом дода шуда, хулосаҳо дар заминаи таҳлили мукаммали ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо навгонии илмӣ, равишҳои мустақилона, дараҷаи баланди эътимоднокӣ, инчунин таҳлили муфассали вазъи ҷорӣ ва роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд.

**Диссертатсия таҳқиқоти** илмии мустақилона ва анҷомёфта буда, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро гардидааст, дорои ягонагии дохилӣ, пайдарҳамии баён, сохтори мантиқӣ ва асоснокии хулосаҳо мебошад ва ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод мегарданд, ҷавобгӯ мебошад.

**Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқот** ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, метавонанд аз ҷониби шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-076 мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии илмии диссертатсия дар **12** мақолаи муаллиф, аз ҷумла 7 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, тавсияшуда аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Ин ба бандҳои 34–35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии муқаррароти илмӣ бе истинод ба манбаъ мавҷуд нестанд. Ҳамаи маводи истифодашуда дуруст тартиб дода шуда, дар истинодҳо нишон дода ва дар рӯйхати манбаъҳо ва адабиёт тибқи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ оварда шудаанд.

Комиссияи экспертӣ, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ намуда, мутобиқи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ ба сифати муқарризони расмӣ муҳаққиқони зеринро тавсия медиҳад:

- Сангинзода Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

- Шонасридинов Назридин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон дар бораи ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Нашри автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Нематов А.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобокалон Ғ.М.

узви шуро, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назарзода Д.К.

Имзои Нематов А.Р.-ро **тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадрҳои ИДҲ-и АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.

Имзои Назарзода Д.К.-ро **тасдиқ менамоям:**
сармутахассиси шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатшозода Д.С.

Имзои Бобокалон Ғ.М.- ро **тасдиқ менамоям:**
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холализода А.С.

«14» марти 2026